**Тақризи**

**роҳбари илмӣ ба диссертатсияи Разоқова Фотима Сафармадовна дар мавзӯи “Таҳқиқи ирсияти аломатҳои арзишноку хоҷагидории дурагаҳои дохилинамудии намунаҳои аз ҷиҳати ҷуғрофӣ дури пахтаи миёнанах” барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои кишоварзӣ аз рӯйи ихтисоси 06.01.05.– Селексия ва тухмипарварии растаниҳои кишоварзӣ.**

Пахтапарварӣ яке аз соҳаҳои афзалиятнок дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад. Мувофиқи дурнамои пахтапарварӣ сол аз сол болоравии истеҳсоли ашёи хом, на бо роҳи афзоиш додани майдони пахта, балки бо баланд бардоштани ҳосилнокии он дар назар аст, яъне мебояд таваҷҷуҳи бештар ба селексия ва тухмипарварии ин зироат дода шавад.

Методи эколого – ҷуғрофӣ ин интихоби дурусти ҷуфти волидайн дар ҳолати дурагасозии асосӣ, бо интихоби селексияи ватанӣ ва хориҷӣ мебошад. Дар вақти интихоби ҷуфти волидайн аз рӯи маҷмааи пурқиммати хочагидорӣ талош ба онро мебояд кард, ки онҳо якдигарро аз рӯи аломатҳои сохти ҳосилнокӣ, сифати нах ва ғайраҳо пурра намоянд.

Разоқова Фотима Сафармадовна дар рафти иҷрои кори диссертатсионӣ коэффисенти ирсиятро омӯхт, ки он дақиқан коэффисенти интихоби самаранокии онро аз рӯи ин ва ё дигар намудҳо дар дилхоҳ ҳолат, барои мушахасс сохтани шиддати самаранокӣ ба селексионер медиҳад. Ба ғайр аз ин, ҳангоми дурагасозӣ ва интихоби шаклҳои волидайн хусусиятҳои ирсият ва коэффисенти онҳоро мебояд дар назар дошт. Разоқова Ф. С. дар рафти кор хусусиятҳои ҷудогонаи афзоиш ва рушди навъҳои волидайниро омӯхта, сохт ва хусусиятҳои ғузаҳои дурагаи $F_0$-ро баҳогузорӣ намуда, асосӣ будани дурагаҳои $F_1$ ва $F_2$ -ро аз рӯи хосиятҳои муҳимашон дар хоҷагидорӣ муайян намуд; қобиляти комбинатсионии навъҳои волидайниро мувофиқ ба хусусиятҳои муҳими дар хоҷагидори доштаашон, инчунин ҳосилнокии навҳои волидайнӣ ва дурагаҳои $F_1$ ва $F_2$ –ро муайян намудааст.

Кори диссертатсияро бевосита худи унвонҷӯй иҷро намуда, натиҷаи илмии ба даст овардашуда низ таҳқиқоти мустақилонаи ӯ мебошад.

Дар диссертатсия маводҳои ҳарсолаи натиҷаи таҳқиқотҳои баанҷомрасида, бақайдгирии таҷрибаҳои саҳроӣ муаллиф оварда шудааст.

Аз рӯи натиҷаи таҳқиқотҳои гузаронидашуда унвонҷӯй Разоқова Фотима Сафармадовна 17 мақолаҳо нашр намудааст, ки аз он 7 - тояш дар маҷаллаҳои тақризшавандаи КОА - и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба чоп расидаанд. Ӯ натиҷаҳои кори тақиқотиашро дар маводҳои конференсияву семинарҳои илмии ҷуҳуриявӣ ва байналмилалӣ, ки ҳамасола дар Академияи илмҳои кишоварзии Тоҷикистон ва берун аз он баргузор мегардад баррасӣ намудааст.

Муҳимияти ҳамаи гуфтаҳои болоро бо назар гирифта қобили қайд аст, ки диссертатсияи Разоқова Фотима Сафармадовна барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои кишоварзӣ аз рӯи ихтисоси 06.01.05 – Селексия ва тухмипарвари растаниҳои кишоварзӣ ба талаботҳои КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ буда, муаллиф барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои кишоварзӣ аз рӯйи ихтисоси 06.01.05 - Селексия ва тухмипарварии растаниҳои кишоварзӣ барои ҳимоя дар Шӯрои диссертатсионии **6D-КОА-64** дар назди Институти зироаткории Академияи илмҳои кишоварзии Тоҷикистон сазовор мебошад.

Роҳбари илмӣ:
мудири шуъбаи селексия ва
технологияи пахтаи миёнанахи
Институти зироаткории АИКТ,
номзади илмҳои кишоварзӣ Яҳёев Т. Қ.

Имзои Яҳёев Т. Қ.-ро тасдиқ менамоям:
нозири кадрҳои Институти
зироаткории АИКТ Сайнизоми Бобохӯҷа.

ИНСТИТУТИ ЗИРОАТКОРИ
ИНСТИТУТ ЗЕМЛЕДЕЛИЯ
АКАДЕМИЯИ ИЛМҲОИ КИШОВАРЗИИ ТОҶИКИСТОН
ТАДЖИКСКАЯ АКАДЕМИЯ СЕЛЬСКОХОЗЯЙСТВЕННЫХ НАУК